**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси**
**10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13.12.2023, №7

Барои сазовор донистани
Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308) аз 4-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович 13-уми октябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, соли 2018 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм кардааст. Фаъолияти кориашро аз моҳи октябри соли 2016 ба ҳайси мудири синфхонаи факултети физика, аз моҳи январи соли 2018 ҳамчун мутахассиси пешбари раёсати таълим ва ҳамзамон ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз моҳи сентябри соли 2021 то моҳи сентябри соли 2022 дар вазифаи муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муваффақона кору фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2022 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои таълимӣ дар факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз моҳи декабри соли 2022 дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ ва унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Салихов Шамсиддин Аслиддинович - доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Одинаев Нурмаҳмад Сафарович, доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

2. Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ба диссертатсия тақризи мусбат** пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, номзади илми филология Н.С. Шамсов, доктори илми филология Л.М. Давлатбеков, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология Ш.Э. Боев ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Ж.Б. Гулназарзода қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва аҳлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи даврони истиқлол» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 8-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:**

[1-М]. Маҳмудов, М.А. Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳикояи муосири тоҷикӣ [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Душанбе, 2020. № 1/3 (77). – С.28-33. ISSN 2663-5534.

[2-М]. Маҳмудов, М.А. Инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] / М.А. Маҳмудов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2020. № 3 (011). – С.108-113. ISSN 2076-2569.

[3-М]. Солеҳов Ш., Маҳмудов, М.А. Проблемаҳои инсонмеҳварӣ [Матн] / Ш. Солеҳов, М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. № 2 (85). – С.75-78. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Маҳмудов, М.А. Масоили ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. № 2 (85). – С.156-160. ISSN 2219-5408.

[5-М]. Маҳмудов, М.А. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи истиқлол [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2020. № 8. – С.314-320. ISSN 2413-516X.

[6-М]. Маҳмудов, М.А. Шеваҳои шахсиятпардозӣ дар ҳикояи имрӯз [Матн] / М. А. Маҳмудов // Ахбори ДДҲБСТ (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Душанбе, 2021. № 8. – С.56-63. ISSN 2413-2004.

[7-М]. Маҳмудов, М.А. Баъзе вижагиҳои ҳунарии ҳикояи муосири тоҷик [Матн] / М. А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. № 4 (99). – С.179-184. ISSN 2219-5408

[8-М]. Маҳмудов, М.А. Адиби инсонгаро ва одамшинос [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. №5 (100). – С.329-332. ISSN 2219-5408.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1.** Тақризи Нуров Нуралӣ, доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мусбат буда, дар он ду эрод гирифта шудааст:

- ба андешаи мо, зарурати жанри таҳқиқи жанри ҳикоя дар асоси анҷоми як таснифот дар асоси баррасии эҷодиёти нависандагоне, ки бевосита тамоми таълифоташон дар замони Истиқлоли миллӣ ба зуҳур расидаанд, мавҷуд буд. Агар аз нигоҳ ба таҳаввули жанри ҳикоя таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам афзуда, саҳми нависандагони давраи нав ва вежагиҳои муҳими ҳикояҳои онҳо барҷастатар инъикос меёфт.

- дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ низ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

**2.** Дар тақризи доктори илми филология, ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Низомӣ Муҳриддин Зайниддин ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод манзур намудааст:

- дар боби аввали диссертатсия агар дар як фасли алоҳида собиқаи инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти классикӣ тавзеҳ дода мешуд, беҳтар мешуд;

- масъалаи таъсири адабиёти рус ба инкишофи ҳикояи реалистии тоҷики садаи XX бо мисолҳои мушаххас ва баррасиҳои татбиқӣ баён мегардид, арзиши илмии диссертатсия меафзуд.

- дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба назар расид, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

**3.** Тақризи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Дӯстов Комилҷон Авлокулович низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- дар таҳқиқот рисоланавис ба масъалаи таъсирпазирии ҳикояи тоҷикро аз ҳикояҳои русӣ ва халқҳои бародар матраҳ мекард, боз беҳтар мешуд;

- дар варианти тоҷикии автореферат хатоҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасад. Дар боби аввали диссертатсия агар дар як фасли алоҳида собиқаи инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти классикӣ тавзеҳ дода мешуд, беҳтар мешуд.

**4.** Тақризи номзади илми филология, дотсент, мудири шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Охунҷонова Нурихон Раҳматовна дар маҷмуъ мусбат буда, дар он чунин эродҳо гирифта шудаанд:

- аз мутолиаи автореферат маълум шуд, ки дар ҷараёни таҳқиқ эҷодиёти тамоми нависандагони давраи истиқлол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Ҳарчанд муаллиф дар муқаддима аз чанд нависандаи ҳикоянигор ном мебарад, вале дараҷаи омӯзиши осори онҳо пурра маълум нест. Бояд гуфт, ки якчанд нависандаи соҳибном, чун Муҳаммадзамони Солеҳ, Анвар Олим, Юнус Юсуфӣ ва дигарон дар ташаккули насри ин давра саҳми назаррас доранд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи амиқтари диссертант ба эҷодиёти онҳо арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам афзун мегардонид;

- дар матни автореферати диссертатсия чанд ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- унвонҷӯ Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ бори аввал замина ва омилҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳунарии ташаккули жанри ҳикоя ва бозтоби масъалаҳои иҷтимоиву

ахлоқӣ ва инъикоси бадеии он дар ҳикояи замони истиқлол мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, сабки марҳилаҳои инкишофи ҳикоя ва хусусиятҳои хоси шеваҳои нигориши нависандагони алоҳида мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз тозагиҳои ҷустуҷӯҳои илмӣ аз нигоҳи адабиётшиносӣ **ба анҷом расонидааст;**

- дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал ҷараёни пайдоиш, шаклгирӣ ва таҳаввули жанриву сохтории ҳикояи муосири тоҷикӣ омилҳои таърихӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва адабию ахлоқӣ нақши асосӣ дошта, дар давоми солҳо қонуниятҳои инкишофи онро муайян намудаанд. Нахустин ҳикояҳои муосири тоҷикӣ зери таъсири ҷараёни воқеъгароии сотсиалистӣ ва идеологияи ҳокими замони шуравӣ дар солҳои бисту сӣ эҷод шуда, бо хусусияти сиёсатгароӣ, воқеъгароӣ ва иҷтимоигароии маҳз фарқ мекарданд. Ҳикояҳои устод С. Айнӣ, П. Сулаймонӣ, Мунзим, А. Деҳотӣ, Б. Азизӣ, М.Абдулғанӣ, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Алӣ Хуш, Ҳаким Карим ва дигарон ифодагари мухтассоти жанриву сохтории ҳикояи ин марҳила мебошанд. Марҳилаҳои баъдии инкишофи ин жанр ба солҳои панҷоҳу шаст, ҳафтоду ҳаштод ва наваду давраи истиқлолияти кишвар рост омада, равиши хоси шакливу сохтории худро дорад, ки ҳикояҳои П. Толис, Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ю. Акобиров, Ҷ. Одина, Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, Б. Фирӯз, С. Турсун, А. Самад, Ҷ. Акобир, Баҳманёр, С. Раҳимзод ва дигарон **мушаххас шудааст**;

- замина ва омилҳои адабию ҳунарии ташаккул ва таҳаввули жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик **муайян карда шудааст;**

- мушаххас сохтани марҳилаҳои асосии ташаккули ин жанр **таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст;**

- дақиқ кардани қонуниятҳо ва равишҳои инкишофи ҳикояи реалистӣ **мушаххас шудааст;**

- ба таври мушаххас арзёбӣ намудани нақши суннатҳои миллӣ дар ташаккули жанри ҳикоя, **собит гардидааст;**

- таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои хоси инъикоси бадеии масоили иҷтимову ахлоқӣ ва равишҳои таносуби идеали иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва тарзи таҷассуми бадеии он дар заминаи ҳикояи замони истиқлол **баррасӣ ёфтааст;**

- ошкор намудани вижагиҳои ҳунарӣ ва сабкӣ дар ҳикояи ин давра, **таҳқиқ шудааст.**

**Арзишҳои назарии таҳқиқот** дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои бадеии ҷанбаи иҷтимоӣ ва ахлоқии жанри ҳикояи давраи истиқлол зоҳир мешавад. Ба ин далел, жанри ҳикояи ин давра таҳлил шуда, қонуниятҳои назарӣ ва амалии ташаккул ва таҳаввули бадеии он дар заминаи масъалаи мавриди назар муайян карда шудааст. Аз ин назар, кори дар ин замина анҷомгирифта, донишҳои назариро дар шинохти жанри ҳикоя ва равишҳои ташаккулу таҳаввули он такмил мебахшанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандону ховаршиносони маъруфи ватанию

хориҷӣ, аз ҷумла, М. Бахтин, Л. Тимофеев, В.Ф. Асмус, А.С. Бушмин, М.В. Храпченко, М. Шакурӣ, С.Табаров, А. Сайфуллоев ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таҳқиқот бо усулҳои таърихиву муқоисавӣ, таърихиву адабӣ, татбиқӣ ва оморӣ навишта шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** натиҷаҳои пажуҳишро метавон ҳангоми таҳқиқи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, суханрониҳо аз таърихи адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои таҳияи таърихи ҷомеи адабиёти навини тоҷик истифода кард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода мегардад**, ки масоили дар таҳқиқот баррасигардида бо далелу бурҳонҳои қотеъ ва баррасию муҳокимарониҳои қиёсӣ ва фарогир, хулоса ва натиҷагириҳои эътимодбахши илмӣ, бо риояи меъёрҳои назарию методологӣ маводи фаровони таҳлилӣ, бо ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси пажуҳишӣ мувофиқ буда, барои таҳқиқи мукаммалу фарогири ҳикояи тоҷикии давраи истиқлол мусоидат намудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар омӯзиш, гирдоварии маводи назарӣ ва адабӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, омода намудани мақола ва маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Баррасӣ ва натиҷагириҳои илмии маводи таҳқиқӣ, масъалагузориҳои назарӣ ва хулосабарориҳои илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13 декабри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 - нафар, аз ҷумла 5 - нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 - нафар иштирок намуд. Аз 15 - нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 - нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Казакова У.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Қурбонзода Р.Қ.
13.12.2023